**ПРОТОКОЛИ №40**

**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-053 оид ба ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D110114 – Стоматология, 6D110112 – Саратоншиносӣ дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»**

**аз 24.12 соли 2024** **ш. Душанбе**

**оғози ҷаласа: $13^{00}$**

**анҷоми ҷаласа: $15^{30}$**

**Иштирок доштанд:** Аз 21 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионӣ иштирок доштанд 19 нафар, аз он ҷумла 7 нафар доктори илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси рисолаи баррасишаванда. Бо сабабҳои узрнок 2 нафар аъзои Шуро иштирок надоштанд.

24 декабри соли 2024, соати $13^{00}$ дар толори Шурои олимони МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино», (734003, ш. Душанбе, кучаи Сино 29-31) ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-053 баргузор гардид.

**Рӯзнома**

Ҳимояи диссертатсияи докторанти (PhD)-и Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй» Абдул Қоҳир Қодирӣ дар мавзӯи: “Роҳҳои оптимизатсияи ташхис, пешгирӣ ва табобати омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан ва гунбади косахонаи сар”, аз рӯйи ихтисосҳои: 6D110114 – Стоматология, 6D110112 – Саратоншиносӣ.

**Аз рӯйи ин маҷлис шунида шуд** раиси Шурои диссертатсионӣ, д.и.т., профессор Бабаев А.Б.

Диссертатсия дар Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй» ва Муассисаи давлатии «Маркази

ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои тиб, профессори кафедраи онкология, ташхиси шуоӣ ва муолиҷаи шуоии МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» Базаров Негмат Исмаилович.

**Мушовири илмӣ:** номзади илмҳои тиб, директори МД «Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй» Қосимов Махмадулло Махмадиевич.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Пулатова Барно Журахоновна -** доктори илмҳои тиб, профессори кафедраи фанҳои клиникии Донишгоҳи Alfraganus Ҷумҳурии Узбекистон.

**2. Караев Идибек Исломуддинович -** номзади илмҳои тиб, директори Маркази саратоншиносии вилояти Хатлон.

**Муассисаи пешбар:** МДТ "Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон".

Котиби илмии Шуро Ҷонибекова Р.Н. ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи докторанти (PhD)-ро муаррифи намуд.

Абдул Қоҳир Қодирӣ мазмуни рисолаи номзадиашро пешниҳод намуд. Ба унвонҷӯ 12 савол дода шуд, аз ҷониби д.и.т. Умарзода С.Ғ., д.и.т. Бандаев И.С., д.и.т. Юлдошев Р.З., д.и.т. Мухамадиева С..М., н.и.т. Ҳасанов Ф.Ҷ., н.и.т. Муродов А.И. ва н.и.т. Икромӣ З. Ба ҳамаи саволҳо докторанти (PhD) ҷавобҳои мукаммал гардонид.

Суханронии роҳбари илмии докторанти (PhD), доктори илмҳои тиб, профессор Базаров Негмат Исмаилович шунида шуд.

Котибии илмии Шурои диссертатсионӣ хулосаи муассисае, ки рисола дар он ҷо ба анҷом расонида шудааст, матни пурраи тақризи муассисаи пешбар МДТ "Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва тақризҳое, ки ба автореферат дода шуда буданд, қироат намуд. Тамоми тақризҳо мусбӣ буда, эродҳо ва саволҳо нестанд.

**Муқарризони расмӣ: Пулатова Барно Журахоновна -** доктори илмҳои тиб, профессори кафедраи фанҳои клиникии Донишгоҳи Alfraganus Ҷумҳурии Узбекистон ва **Қараев Идибек Исломуддинович -** номзади илмҳои тиб, директори Маркази саратоншиносии вилояти Хатлон баромад намуданд. Аз ҷониби муқарризи расмӣ д.и.т., профессор Пулатова Б.Ж. 2 савол дода шуд, ки ба ҳардуи саволҳо докторанти (PhD) ҷавобҳои мукаммал гардонид. Аз ҷониби муқарризи расмӣ н.и.т. Караев И.И. эродҳо ва саволҳо нест.

Дар муҳокимаи диссертатсия доктори илмҳои тиббӣ, профссор Сангинов Ҷумабой Раҳмат, д.и.т. Бандаев Илҳомҷон Сироҷиддинович, д.и.т. Умарзода Саида Ғайрат, д.и.т. Муҳамадиева Саодатхон Мансуровна, д.и.т. Султанов Меҳрубон Шамсиевич ва н.и.т., дотсент Зарипов Акбар Раҳмонович баромад карданд.

Сухани хотимавии довталаби дараҷаи илмӣ Абдул Қоҳир Қодирӣ шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъйин гардид ва дар ҳайати он 3 аъзо: д.и.т. Султанов М.Ш. (раис), д.и.т. Умарзода С.Ғ. ва н.и.т., дотсент Зарипов А.Р. (аъзо интихоб гардиданд).

Аз 21 нафар аъзои Шуро 19 нафар ҳузур доштанд ва аз онҳо 7 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисосҳои диссертатсияи баррасишаванда буданд.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор 19, муқобил нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Аъзи Шуро тариқи овоздиҳии ошкоро суратҷаласаи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Абдул Қоҳир Қодирӣ додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос қабул гардид.

## ҚАРОРИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-053 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» аз 24 декабрия соли 2024.**

Бо шунидани маърузаи рисолаи Абдул Қоҳир Қодирӣ дар мавзӯи: “Роҳҳои оптимизатсияи ташхис, пешгирӣ ва табобати омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан ва гунбади косахонаи сар”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D110114 – Стоматология, 6D110112 – Саратоншиносӣ; тақризи роҳбари илмӣ; тақризи муассисаи пешбар МДТ “Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, тақризҳои муқарризони расмӣ - д.и.т., профессор Пулатова Б.Ж. ва н.и.т. Караев И.И., тақризҳои ба автореферати диссертатсия ва баромади муқарризони ғайрирасмӣ д.и.т., профессор Сангинов Ҷ.Р., д.и.т. Бандаев И.С., д.и.т. Умарзода С.Ғ., д.и.т. Муҳамадиева С.М., д.и.т. Султанов Меҳрубон Шамсиевич ва н.и.т., дотсент Зарипов А.Р.-ро шунида, муҳокима карда, Шурои диссертатсионии 6D.КОА-053 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» дар асоси овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навгонӣ ва натиҷаҳои ба даст овардаи Абдул Қоҳир Қодирӣ

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Кори диссертатсионии Абдул Қоҳир Қодирӣ дар мавзуи “Роҳҳои оптимизатсияи ташхис, пешгирӣ ва табобати омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан ва гунбади косахонаи сар”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D110114 – Стоматология, 6D110112 – Саратоншиносӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ баррасӣ карда шуда, ба талаботҳои банди 3 ф. 31, 33, 34 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 (бо ворид намудани тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295), ки ба диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, пешбини шудааст, мутобиқат мекунад.

2. Автореферат ва интишорот муҳтавои рисоларо ба дараҷаи кофӣ инъикос мекунад.

3. Ба Абдул Қоҳир Қодирӣ дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D110114 – Стоматология, 6D110112 – Саратоншиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тасдиқ намудани қарори мазкури Шурои диссертатсионӣ дархост карда шавад.

Бабаев А.Б. – раиси Шурои диссертатсионӣ довталабро табрик намуда, ба роҳбари илмӣ, муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ барои кумакашон дар кори Шурои диссертатсионӣ изҳори сипос намуд.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.т., профессор** **Бабаев А.Б.**

**Котиби илмии**
**Шурои диссертатсионӣ**
**н.и.т., дотсент** **Ҷонибекова Р.Н.**
**24.12.2024 с.**

ИМЗОИ/ПОДПИСЬ Бабаев А.Б. Ҷонибекова Р.Н.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ ҶРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
«24» 12 2024 с/г